Хайдар Косимов 07-уми марти соли 1922 дар хочагии Севахши Чамоати дехоти «Тугай - Сарай»- и нохияи Октябри вилояти Сталинобод (хозира шахри Душанбе) дар оилаи колхозчӣ таваллуд шудааст. Хайдар Косимов фаъолияти кориашро соли 1938 ба сифати хисобчии бригадаи трактрчиён дар МТС «Октябр-2» огоз намудааст.

Баъди огоз гардидани корхои ободкорию

созандагӣ дар водии Вахш **Хайдар Косимов** бо ахли оилаашон ба ин минтака мухочир мешаванд ва то охири умраш
дар
нохияи Вахш, собик совхози “Туркманистон” (айни замон Чамоати дехоти “Точикобод”), дехаи “Сохтмон” зиндагӣ намудааст. Холо хам дар ин макон набераю аберахояшон истикомат доранд.

Соли 1941 дар собик Иттиходи Шуравӣ Чанги Бузурги Ватанӣ огоз гашт ва дар катори дигар механдӯстони диёр **Хайдар Косимови точик** низ мохи декабри соли 1941 ба Артиши Сурх шомил гашта ба чанг рафт.
Дар мохи сентябри соли 1943 фармондехии ротаи миномётии 229-и полки тирандозии фронти марказӣ ба Хайдар Косимов вогузор карда шуд.
Хайдар Косимов дар яке аз мухорибахои хунин, дар убур намудани дарёи “Припять” гасби майдони миномётхо, анбори захиравии яроку аслиха ва несту нобуд кардани садхо аскарони душман, кудратмандии худ ва аскарони шучояшро нишон дод.
Барои часорату мардонагӣ нишон додан бар зидди фашистон ва рох кушодан ба Армияи Шӯравӣ чихати озод намудани шахру рустохо аз дасти истилогарони фашистӣ бо Фармони Президиуми Советии Олии СССР Хайдар Косимов ба унвони Олии Кахрамони Иттиходи Шӯравӣ сарфароз гардонида шуд.

Дар Чанги Бузурги Ватанӣ 300 хазор нафар чавонписарону чавондухтарони точик аз Точикистон бо амри дил барои хифзи Ватан бар зидди фашизм сафарбар гардида буданд. Аз ин 92 хазор нафар аскарони точик аз чанг барнагаштанд. Бахри ба даст овардани галабаи оламшумул зиёда аз 60 хазор нафар ба гирифтани ордену медалхои чангӣ шарафёб шуданд. Аз чумла 54 нафар ба унвони Олии Кахрамони Иттиходи Шӯравӣ, 19 нафар бо ордени «Шараф» дарачаи 1,2 ва 3 кадрдонӣ карда шуданд. Аз рӯи маълумотхои оморӣ Хайдар Косимов дар зиёда аз 1000 мухорибахои хунини ЧБВ дар

солхои 1941-1945 ширкат варзидааст. Баъди итмоми чанг соли 1946 Хайдар Косимов дар асоси фармон аз хизмати амалии харбӣ озод шуда, ба руйхати афсаорони эхтиётии Куввахои Мусаллахи Иттиходи Шӯравӣ дохил шуд ва ба Ватан баргашт.

Хайдар Косимов дар корхои гуногуни хочагии халк фаъолона кор мекард. Дониши хубу махорати ташкилотчигии Хайдар Косимовро ба назар гирифта ӯро раиси чамоати дехоти «Точикобод» - и нохияи Вахш таъйин карданд.
Баъдан дар вазифаи муовини директори хочагии чорвопарварии нохияи мазкур кор кардаанд. Як панчсола вакили Мачлиси вакилони халки нохияи Вахш буданд.
Хайдар Косимов
хангоми фаъолияташ дар мансабхои давлатӣ, дар созандагию бунёдкории диёрашон хизматхои шоён намудааст.

Баъди пошхурдани Иттиходи Шӯравӣ солхои 90-уми карни гузашта саркардан ва аъзоёни ташкилоти террористии собик Хизби нахзати ислом дастуру супоришхои хочагони бурун марзиашон дар Точикистон оташи чанги тахмилиро дар минтакахо огоз намуданд. Огози алангаи оташи чанг аз совхози «Туркманистон»-и нохияи Вахш сарчашма гирифт. Мардуми захматкаши кишвар аз тарси чанг барои химояи чони худ ва наздикон тарки чойи зист карда, ба дигар нохияхои нисбатан ором гуреза шуданд. Оилаи кахрамон Хайдар Косимов низ бо мардуми деха ба нохияи Кумсангир (холо Чайхун) омада, ба халкаи хешу пайвандонашон пайвастанд. Соли нави мелодии 1993-ро Хайдар Косимов бо хамрохии оила ва хешу пайвандонаш кайд намуданд. Охири мохи январ рӯзона гурӯхи ярокноки ношиноси чангчуй ба хонаи муаллим Каноатшо Абдуллоев, ки Хайдар Косимов дар он чо буд, даромада яку якбора бо садои баланд ба сари Хайдар Косимов дод зада, пеш даро гуфтанду аз хона гирифта бурданаш. Харчанд, ки ӯ худро ба онхо муаррифӣ карда бошад хам, онхо ба мо шумо барин кахрамонхо лозим гуфта, ӯро бо дашномхои кабех ба мошин савор карда, ба сӯи номаълум бурданд.

Хешу хамдиёрон, ёри дӯстон харчанд минтакахои нохияро чустучӯ карда бошанд хам, аз Хайдари кахрамон хабаре пайдо накарданд. Фасли зимистон гузашту бахор омад ва овозае пахн шуд,
ки часади марде дар пахлуи пули назди
ПМК-22
пайдо гаштааст. Ин аввали мохи марти соли 1993 буд. Хешовандони мархум дархол ба чойи таъиншуда омада диданд, ки часад аллакай варон шуда буд. Танхо аз либосхои танаш, ки доимо низомипӯш буданд ва
аз рӯйи дигар
нишонахояш хешовандонаш шинохтанд, ки
ӯ Хайдар Косимов - охирин кахрамони зиндаи собик Иттиходи Шуравӣ
дар ЧБВ аст ва аз дасти насли фашистии нахзатӣ

вахшиёна ба катл расонида шудааст. Оне, ки барои гасби душман чонбозихои кахрамонона кард, оне, ки барои насли ояндаи худ заминаи сулх офарид, номи точикро шарафмандона боло бардошт.
Часади Хайдар Косимов дар мазори дехаи ба номи Абӯабдуллохи Рӯдакии Чамоати дехоти
«Панч»-и нохияи Чайхун
ба хок супорида шуд. Хайдар Косимов
он шабу рӯз ба синни 71-сола расида буданд. На даъвои вазифа дошт, на даъвои бойигарӣ, ӯ
танхо курбони бозихои сиёсӣ, курбони муллохои чаласаводу мансабпарст, курбони нахзатихои хунхор гашт.
Баъдан маълум гашт, ки
Хайдар Косимов аз дасти
аъзои
ТЭТ ХНИ, яке аз берахмтарин размандагони ин ниход Мустафо
(бо лакаби Мустафои нахзатӣ), дар хатти сархади давлатӣ ба катл расонида шудааст.

Имрӯз барои абадӣ гардонидани номи ин фарзади фарзонаи миллат-Хайдар Косимов, муассасаи тахсилоти миёнаи умумии №38-и нохияи Вахш ба номи ӯ гузошата шудааст. Дар арафаи 75-умин солгарди Галабаи ЧБВ бо дастгирии макомоти ичроияи махаллии хокимияти давлатии нохияи Чайхун ва аз хисоби фаъолон ва Иттиходияи интернатсионалистони собикадори нохия бо сардории рохбари он Александр Валентинович Моисеев дар назди оромгохи Кахрамони Иттиходи Шӯравӣ Хайдар Косимов лавхаи ёдгории иштирокчии ЧБВ (солхои 1941-1945) гузошта шуд.

Хушбахтона, имрӯз дар Ватани азизи мо сулху субот пойдор аст. Шахсиятхое мисли Хай
дар
К
осимов, ки
аз худ механдӯстӣ, фидокор
й
, мардонагӣ ва кавиродагӣ бахри осоиштагии мардум, гулгулшукуфии диёри азизамон-Точикистон
нишон додаанд харгиз аз хотирхо фаромӯш намешавад.
Имрӯз тамоми хурду бузурги кишвар ба ин марди бузург- Хайдар Косимов сари таъзим фуруд меоранд ва ӯро хамеша ба некӣ ёд мекунанд.

А.Иброхимзода, сармухаррири рӯзномаи «Чайхун»-и нохияи Чайхун.

М.Сиярзода, муовини сармухаррири рӯзномаи «Чайхун»-и нохияи Чайхун.